«Тасдиқ мекунам»
Ректори МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав», доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
____________Қурбонзода М.Р.
«____» ____08______ соли 2026

## ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Қозизода Шӯҳратҷон дар мавзуи «Таърихи инкишофи ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Масчоҳ (1955-2021)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ).**

Таҳқиқоти диссертатсионии Қозизода Шӯҳратҷон дар мавзуи «Таърихи инкишофи ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Масчоҳ (1955–2021)» бо қарори Шурои диссертатсионии 6D-KOA-093 назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои тақриз ба МДТ “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав” ҳамчун муассисаи пешбари тақриздиҳанда ирсол гардида, дар ҷаласаи васеи кафедраи таърихи халқи тоҷик (суратҷаласаи №1 аз 28.08.2026) мавриди муҳокима қарор гирифт.

Дар муҳокимаи диссертатсияи мазкур кормандони кафедра, аз ҷумла доктори илмҳои таърих, профессор Гадозода А., номзадҳои илмҳои таърих Баротов М.Ю., Садриддини А., Абдуллоев Ҷ., Садбарги Исо., Манзураи Ю., Муҳаммадзода Б.М.,Ҷалилов М.Ш. ва дигар омӯзгорони қаблан бо матни диссертатсия шиносгардида, иштирок ва суханронӣ намуданд.

Муассисаи пешбар дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби номзади илмҳои таърих Садбарги Исо омода гардид, иброз менамояд, ки диссертатсияи Қозизода Шӯҳратҷон дар мавзуи мубрам навишта шуда, аҳаммияти назариявию амалии илмӣ дорад.

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.**

Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмии 6D020300 – Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ) мутобиқат намуда, муҳтавои он ба талаботи муқарраршудаи таълифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос ҷавобгӯй мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Мубрамии мавзуи интихобнамудаи Қозизода Шӯҳратҷон, пеш аз ҳама аз зарурати омӯзиши ҳамаҷонибаи таърихи ташаккул ва рушди ноҳияи Масчоҳ дар марҳалаи муҳимми таърихи навтарини Тоҷикистон бармеояд. Ноҳияи мазкур дар натиҷаи азхудкунии заминҳои дашти Дилварзин ва муҳоҷиркунонии аҳолии Кӯҳистони Масчоҳ ташаккул ёфта, дар давоми солҳои 1955-2021 марҳалаҳои гуногуни рушдро сипарӣ намудааст. Аз ин рӯ, таҳқиқи таърихи ноҳия имконият медиҳад, ки хусусиятҳои сиёсати давлатӣ дар самти азхудкунии заминҳои нав, ташкили хоҷагиҳои кишоварзӣ, рушди инфрасохтори иҷтимоӣ ва тағйирот дар ҳаёти фарҳангии аҳолӣ дар мисоли як минтақаи мушаххас мавриди омӯзиши илмӣ қарор гиранд.

Аҳаммияти мавзуъ инчунин дар он зоҳир мегардад, ки ноҳияи Масчоҳ дар давраи шуравӣ ҳамчун яке аз минтақаҳои муҳимми кишоварзии ҷумҳурӣ ташаккул ёфта, дар солҳои истиқлол бошад ва давраи ислоҳоти иқтисодию дигаргуншавии шаклҳои хоҷагидорӣ марҳалаи нави рушди худро оғоз намуд. Омӯзиши муқоисавии ин ду давраи таърихӣ ба муаллиф имкон додааст, ки равандҳои тағйирёбии сохтори иқтисодию иҷтимоӣ, рушди маориф, тандурустӣ ва фарҳангро дар заминаи таҳаввулоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ намояд.

Мубрамии таҳқиқ боз дар он ифода меёбад, ки то имрӯз таърихи рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Масчоҳ дар солҳои 1955-2021 ба таври маҷмуӣ ва дар доираи васеи сарчашмаҳои бойгонӣ ва оморӣ мавриди

таҳқиқи махсус қарор нагирифтааст. Бинобар ин, диссертатсияи мазкур барои пурра намудани тасаввуроти илмӣ оид ба таърихи минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва амиқтар омӯхтани равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии давраи навтарини таърихи халқи тоҷик аҳаммияти назаррас дорад.

**Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар диссертатсия овардашуда, нишон медиҳад, ки** диссертатсияи Қозизода Шӯҳратҷон дар мавзуи «Таърихи инкишофи ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Масчоҳ (солҳои 1955–2021)» таҳқиқоти илмии анҷомёфта буда, ба яке аз масъалаҳои муҳимми илми таърихи ватанӣ бахшида шудааст. Дар диссертатсия масъалаҳои умдаи рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии ноҳияи Масчоҳ дар давраи солҳои 1955–2021 дар асоси сарчашмаҳои таърихӣ, маводи бойгонӣ, маълумоти оморӣ ва адабиёти илмӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар бахши гузоришҳои илмӣ муаллиф тавонистааст масъалаи таҳқиқшавандаро бо назардошти дараҷаи омӯзиши он дар илми таърихи ватанӣ муайян намуда, ҷанбаҳои асосии рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Масчоҳро дар марҳалаҳои гуногуни таърихӣ ба таври илмӣ таҳлил намояд. Муаллиф бо истифода аз усулҳои маъмули таҳқиқоти таърихӣ, аз ҷумла таҳлили таърихӣ, муқоисавӣ-таърихӣ ва низомнок, раванди ташаккул ва рушди ноҳияро дар заминаи воқеиятҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор додааст.

Барои асоснок намудани хулосаҳои илмии худ Қозизода Шӯҳратҷон аз доираи васеи сарчашмаҳо, аз ҷумла ҳуҷҷатҳои бойгонӣ, санадҳои расмӣ, маводи оморӣ, матбуоти даврӣ ва таҳқиқоти олимони ватаниву хориҷӣ истифода намудааст. Гузоришҳои илмии дар диссертатсия пешниҳодшуда бо далелҳои таърихӣ асоснок гардида, истифодаи маводи сарчашмашиносӣ ба эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот мусоидат намудааст.

Хулосаҳои дар диссертатсия овардашуда ба натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомёфта такя намуда, аз таҳлили ҳамаҷонибаи маводи ҷамъовардашуда бармеоянд. Муаллиф тавонистааст марҳалаҳои асосии рушди ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Масчоҳро муайян намуда, хусусиятҳои хоси дигаргуниҳои соҳаҳои хоҷагидорӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиро дар ду давраи таърихӣ нишон диҳад. Хулосаҳои пешниҳодшуда мантиқӣ буда, ба мақсад ва вазифаҳои дар диссертатсия гузошташуда мувофиқат менамоянд.

Дар бахши пешниҳодҳо муаллиф аҳаммияти амалии натиҷаҳои таҳқиқотро нишон дода, имкониятҳои истифодаи онҳоро дар таҳияи корҳои илмӣ оид ба таърихи навини Тоҷикистон, омода намудани маводи таълимӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, таҳияи курсҳои махсус ва омӯзиши минбаъдаи таърихи маҳаллӣ пешниҳод намудааст.

Ҳамин тариқ, муассисаи пешбар таъкид менамояд, ки гузоришҳои илмӣ, хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар диссертатсияи Қозизода Шӯҳратҷон овардашуда аз ҷиҳати илмӣ асоснок буда, ба натиҷаҳои воқеии таҳқиқот такя менамоянд. Диссертатсия ҳамчун таҳқиқоти мустақили илмӣ дар сатҳи зарурии академӣ таҳия гардида, барои омӯзиши минбаъдаи масъалаҳои таърихи иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии минтақаҳои Тоҷикистон аҳаммияти муҳим дорад.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои бадастовардашуда.** Навгонии илмии таҳқиқи диссертатсияи Қозизода Шӯҳратҷон дар мавзуи «Таърихи инкишофи ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Масчоҳ (солҳои 1955–2021)» дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал таърихи рушди ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Масчоҳ дар давраи солҳои 1955–2021 ба таври комплексӣ ва дар асоси сарчашмаҳои муътамади таърихӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Дар диссертатсия равандҳои асосии ташаккул ва рушди ноҳия, тағйироти соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, инчунин хусусиятҳои

хоси рушди минтақа дар заминаи таърихи навини Тоҷикистон таҳлил гардидаанд. Натиҷаҳои таҳқиқ бо истифодаи маводи бойгонӣ, санадҳои расмӣ, маълумоти оморӣ ва адабиёти илмӣ асоснок карда шудаанд.

**Саҳеҳии натиҷаҳои** бадастомада бо интихоби дурусти усулҳои таҳқиқоти таърихӣ, таҳлили илмии сарчашмаҳо ва мувофиқати хулосаҳо ба мақсад ва вазифаҳои диссертатсия таъмин мегардад. Натиҷаҳои таҳқиқ барои омӯзиши минбаъдаи масъалаҳои таърихи иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии минтақаҳои Тоҷикистон аҳаммияти илмӣ доранд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳо.** Аҳаммияти назариявии диссертатсия дар он аст, ки натиҷаҳои он доираи донишҳоро оид ба таърихи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии Тоҷикистон дар нимаи дуюми асри XX ва ибтидои асри XXI васеъ менамоянд. Таҳқиқ таҷрибаи як ноҳияи алоҳидаро ҳамчун ҷузъи раванди умумимиллӣ таҳлил карда, барои омӯзиши муқоисавии минтақаҳои дигари ҷумҳурӣ замина фароҳам меорад.

Аҳаммияти амалии кор дар имконияти истифодаи мавод ва хулосаҳои он ҳангоми таълифи асарҳои ҷамъбастӣ оид ба таърихи Тоҷикистони навтарин, омода намудани китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ, таҳияи курсҳои махсуси «Таърихи маҳал» ва «Таърихи иҷтимоӣ-иқтисодии Тоҷикистон», инчунин дар фаъолияти осорхонаҳо ва муассисаҳои фарҳангӣ зоҳир мегардад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои** таҳқиқи диссертатсия аз дуруст интихоб намудани усулҳои таҳқиқоти таърихӣ, истифодаи мақсадноки сарчашмаҳо ва асоснокии илмии хулосаҳои пешниҳодшуда бармеояд. Муаллиф дар ҷараёни таҳқиқ аз усулҳои таърихӣ, таърихӣ-муқоисавӣ, таҳлилӣ, низомнок ва оморӣ истифода намуда, равандҳои рушди ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Масчоҳро дар заминаи воқеиятҳои таърихӣ мавриди омӯзиш қарор додааст.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, ҳамчунин, бо истифодаи маводи бойгонӣ, санадҳои расмӣ, маълумоти оморӣ ва адабиёти илмии марбут ба мавзуъ таъмин гардидааст. Таҳлили ҳамаҷонибаи маводи ҷамъовардашуда имкон додааст, ки муаллиф марҳалаҳои асосии рушди ноҳияи Масчоҳро муайян намуда, хулосаҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснок пешниҳод намояд.

Хулоса ва пешниҳодҳои диссертатсия ба натиҷаҳои воқеии таҳқиқ такя намуда, бо мақсад ва вазифаҳои гузошташуда мувофиқат доранд. Ин омилҳо саҳеҳӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқотро тасдиқ менамоянд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар** таҳқиқи масъалаи мазкур, пеш аз ҳама, дар интихоби самти таҳқиқ, муайян намудани ҳадаф ва вазифаҳои илмӣ, инчунин таҳияи заминаи сарчашмашиносии диссертатсия зоҳир мегардад. Муаллиф мустақилона маводи зарурии таҳқиқотиро ҷамъоварӣ намуда, онҳоро мавриди таҳлилу арзёбии илмӣ қарор додааст.

Довталаб дар асоси омӯзиши ҳуҷҷатҳои бойгонӣ, маводи оморӣ ва дигар сарчашмаҳои таърихӣ тавонистааст хусусиятҳои хоси равандҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии ноҳияи Масчоҳро муайян намуда, робитаи онҳоро бо равандҳои умумии таърихи навини Тоҷикистон нишон диҳад.

Арзиши саҳми илмии муаллиф дар таҳияи хулосаҳо ва пешниҳодҳои асоснок, ворид намудани маводи нав ба доираи таҳқиқоти таърихӣ ва пешниҳоди арзёбии илмии марҳилаҳои муҳими рушди ноҳия ифода меёбад. Натиҷаҳои бадастомада нишон медиҳанд, ки довталаб дар анҷоми таҳқиқоти мустақилонаи илмӣ қобилияти зарурӣ дошта, саҳми шахсии ӯ дар таҳияи диссертатсия назаррас мебошад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқи дар маҷаллаҳои тақризшаванда.** Натиҷаҳои диссертатсия дар 12 мақолаи илмии муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд. Мазмун ва

мундариҷаи онҳо ба мавзуи таҳқиқотӣ дахл доранд, ки муҳтавои асосии диссертатсия ва авторефератро инъикос мекунанд.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он.** Диссертатсияи Қозизода Шӯҳратҷон дар мавзуи «Таърихи инкишофи ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Масчоҳ (1955–2021)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ) кори илмии баитмомрасида ба ҳисоб рафта, мутобиқи талаботи бандҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва ба расмият даровардa шудааст.

**Сохтор ва муҳтавои асосии диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати манобеъ ва адабиёти истифодашуда иборат буда, ҳаҷми умумии он 180 саҳифаро ташкил медиҳад. Сохтори кор ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ мутобиқ буда, мавод аз рӯйи принсипи проблемавию хронологӣ ҷойгир карда шудааст.

**Дар муқаддима** аҳаммияти илмии таҳқиқот асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши мавзуъ ва заминаҳои манбаъшиносии он таҳлил гардидаанд, мақсад ва ҳадафҳои таҳқиқот, навгонии илмӣ, объект ва предмети таҳқиқот муайян гардида, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, асосҳои методологӣ ва назариявии диссертатсия, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда асоснок шуда, чаҳорчӯбаи замонии таҳқиқот, тасдиқи натиҷаҳо ва сохтори диссертатсия баррасӣ ва муайян шудаанд.

Дар боби якум – **«Азхудкунии заминҳои бекорхобида ва ташкилёбии ноҳияи Масчоҳ»** – заминаҳои сиёсӣ ва иқтисодии азхудкунии дашти Дилварзин, сохтмони шабакаҳои обёрӣ, таъсири бунёди обанбори Қайроққум, сиёсати муҳоҷиркунонии аҳолии ноҳияҳои кӯҳӣ ва раванди ташкилёбии ноҳияи нав таҳқиқ шудаанд. Муаллиф муҳоҷиркунониро ҳамчун қисми сиёсати давлатӣ оид ба васеъ намудани заминҳои обӣ ва рушди пахтакорӣ арзёбӣ намуда, ҳамзамон душвориҳои иҷтимоӣ ва маишии солҳои аввалро нишон медиҳад.

Дар асоси санадҳои бойгонӣ муаллиф муайян кардааст, ки дар марҳалаи аввали муҳоҷиркунонӣ, солҳои 1956-1963 аз Кӯҳистони Масчоҳ ба дашти Дилварзин 4 108 оила ё 18 548 нафар кӯчонида шудаанд. Ин раванд бо кӯчонидани на танҳо аҳолӣ, балки сохторҳои маъмурӣ, ташкилоту хоҷаггиҳо, муассисаҳои таълимию фарҳангӣ ҳамроҳ буд. Аз ин рӯ, таҷрибаи Масчоҳ ҳамчун яке аз намунаҳои нодири таъсиси ноҳияи нав дар таърихи Тоҷикистон арзёбӣ мешавад.

Боби дувуми диссертатсия бошад, **«Ноҳияи Масчоҳ ва рушди он дар замони шуравӣ (1955-1991)»** номгузоришуда, ба таҳлили рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳия бахшида шудааст. Муаллиф нишон медиҳад, ки самти асосии иқтисоди ноҳия пахтакорӣ буд. Дар як муддати кӯтоҳ хоҷагиҳои нави коллективӣ ташкил гардида, шабакаи обёрӣ, роҳҳо, манзил, корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва муассисаҳои хизматрасонӣ бунёд шуданд. Далелҳои оморӣ, аз ҷумла истеҳсоли 51 262 тонна пахта дар соли 1980 дар муқоиса бо нақшаи 43 500 тонна, сатҳи рушди соҳаи кишоварзиро нишон медиҳанд.

Дар ин боб рушди соҳаҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ низ баррасӣ шудааст. Ташкили мактабҳо, муассисаҳои тиббӣ, китобхонаҳо, клубҳо, кинотеатрҳо, мактаби мусиқӣ ва Қасри фарҳанг ба баланд гардидани сатҳи маърифат ва фаъолнокии фарҳангии аҳолӣ мусоидат намуд. Муаллиф ба таври дуруст таъкид мекунад, ки замони шуравӣ барои ноҳияи Масчоҳ марҳалаи бунёди заминаҳои моддӣ, ташаккули кадрҳои маҳаллӣ ва ташкили инфрасохтори асосии иҷтимоӣ буд.

Боби севуми диссертатсия **«Ноҳияи Масчоҳ дар замони истиқлол (1991-2021)»** ном дошта, тағйироти сохтории иқтисоди ноҳия, таъсири буҳрони солҳои 1990, ислоҳоти аграрӣ, ташкили хоҷагиҳои деҳқонӣ, рушди соҳибкорӣ, саноат, маориф, тандурустӣ ва фарҳангро дар бар мегирад. Муаллиф давраи истиқлолро ба марҳалаҳои буҳрон, барқарорсозӣ ва

рушди устувор ҷудо намуда, нишон медиҳад, ки пас аз барқарории сулҳу субот иқтисоди ноҳия тадриҷан хусусияти агросаноатӣ касб кард.

Тибқи натиҷаҳои таҳқиқ, шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ то соли 2015 ба 4 671 адад расида, саҳми ноҳия дар истифодаи заминҳои обӣ, боғдорӣ, чорводорӣ ва истеҳсоли пахта дар миқёси вилояти Суғд афзудааст. Шумораи корхонаҳои саноатӣ аз ду адади давраи пеш аз истиқлол то 30 адад дар соли 2020 зиёд гардида, ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ дар соли 2019 ба 240,7 млн сомонӣ расидааст. Ин маълумот тағйирёбии сохтори иқтисодии Масчоҳро аз ноҳияи асосан аграрӣ ба ноҳияи агросаноатӣ нишон медиҳад.

Дар бахши фарҳангӣ ва иҷтимоӣ муаллиф сохтмони муассисаҳои нави таълимӣ ва тиббӣ, таҷдиди роҳҳо ва шабакаҳои обу барқ, таъсиси корхонаҳои нав, бунёди Қасри фарҳанг, варзишгоҳ ва иншооти хизматрасониро таҳлил кардааст. Ҳамзамон, масъалаҳои эҳёи ҳунарҳои мардумӣ, ҷашнҳои миллӣ, иштироки ҷавонон ва занон дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва баланд гардидани худшиносии миллӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Диссертатсия довталаби дараҷаи илмӣ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ) «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» мутобиқат менамояд. Диссертатсияи Қозизода Шӯҳратҷон ҳамчун кори илмии ба анҷом расида ба ҳисоб рафта, таркиб ва сохтори он бо тавсияву асосноккунӣ дар сатҳи баланди илмӣ-назариявӣ навишта шуда, ба талаботҳои муқаррарнамудаи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267) ҷавобгӯй мебошад. Кори таҳқиқотӣ бо риояи меъёрҳои забони давлатӣ таълиф шуда, тарзи ороиш ва сохтори он ба талаботи муқарраршуда мувофиқат менамояд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Тахассуси илмии довталаб Қозизода Шӯҳратҷон ба ихтисоси илмии дархостшаванда аз рӯйи ихтисоси 6D020301 - Таърихи ватанӣ мувофиқат менамояд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ин ҷиҳат дастгирӣ меёбад, ки муаллиф дар раванди омӯзиши мавзуъ маводи фаровони таърихиро ҷамъоварӣ ва ба низом дароварда, бо истифода аз муносибати илмӣ масъалаҳои мавриди таҳқиқро пайдарпай баррасӣ намудааст. Натиҷаҳои пешниҳодшуда ба таҳлили воқеии маводи сарчашмавӣ такя намуда, барои ташаккули тасаввуроти мукаммал оид ба хусусиятҳои рушди ноҳияи Масчоҳ дар давраи мавриди омӯзиш мусоидат менамоянд.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Баробари комёбиҳо дар диссертатсияи тақризшаванда баъзе камбудиву норасоиҳо низ ба назар мерасанд, ки зикри онҳоро зарур ва ба манфиати кор меҳисобем:

1. Дар қисми таърихнигории муқаддима арзёбии интиқодии баъзе асарҳои истифодашуда, нишон додани саҳми мушаххаси муҳаққиқони алоҳида метавонист ба шакли муфассалтар пешниҳод гардад.

2. Ҳангоми муқоисаи нишондиҳандаҳои иқтисодӣ дар давраи шуравӣ ва замони истиқлол на ҳамеша диссертант ба фарқияти низоми ҳисоб, воҳидҳои пулӣ, усулҳои оморгирӣ ва тағйирёбии ҳудуди маъмурии ноҳия диққат додааст. Шарҳи кӯтоҳи методикаи муқоисаи оморӣ натиҷаҳоро боз ҳам дақиқтар менамуд.

3. Дар матни диссертатсия баъзе номувофиқии ҷузъии имлоӣ, техникӣ ва истилоҳӣ, аз ҷумла дар навишти шаклҳои «Масчоҳ/Мастчоҳ», фосилагузорӣ, такрори баъзе калимаҳо ва тарзи ягонаи овардани номҳои муассисаҳо ба назар мерасанд.

4. Тавсияҳои амалии пешниҳоднамудаи унвонҷӯ қобили қабуланд, вале баъзе аз онҳо хусусияти умумӣ доранд ва иҷрокунандагону доираи татбиқи онҳо ба таври амиқ равшан нест.

5. Дар матни диссертатсия ва автореферат баъзе норасоиҳои ҷузъии имлоӣ ва техникии таҳририӣ ба назар мерасанд бартараф намудани онҳо ба мақсад мувофиқ аст.

Аммо камбудиҳои зикршуда ба арзиши илмӣ ва сатҳи баланди таҳқиқоти анҷомёфта таъсири манфӣ намерасонанд. Ба инобат гирифтани онҳо дар таҳқиқоти минбаъдаи унвонҷу метавонад барои такмили бештари корҳои илмӣ ва самаранокии натиҷаҳои бадастомада мусоидат намояд.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020301 - Таърихи ватанӣ таҳия гардида, мазмуни асосии кори таҳқиқиро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.**

Хулоса, диссертатсияи Қозизода Шӯҳратҷон дар мавзуи «Таърихи инкишофи ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Масчоҳ (1955–2021)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ) дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун, сохтор ва натиҷаҳои бадастомада ба талаботи муқарраршуда пурра ҷавобгӯ мебошад.

Диссертатсияи мазкур ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ буда, натиҷаҳои таҳқиқ дорои аҳаммияти баланди илмӣ ва амалӣ мебошанд. Муаллифи диссертатсия Қозизода Шӯҳратҷон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ) сазовор мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби номзади илмҳои таърих, муаллими калони кафедраи таърихи халқи тоҷики МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» Садбарги Исо омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи васеи кафедраи таърихи халқи тоҷики МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» аз 28 августи соли 2026, суратҷаласаи №1, дар асоси натиҷаҳои баррасии диссертатсия, маърузаи довталаб, муҳокима ва тасдиқ гардидааст.

Дар ҷаласа 17 нафар иштирок намуданд, аз ҷумла 8 нафар дорандаи дараҷаҳои илмӣ мебошанд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 17 нафар, «муқобил» – нест, «бетараф» – нест.

Раиси ҷаласа
доктори илмҳои таърих, профессори
кафедраи таърихи халқи тоҷики МДТ
«Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав» Гадозода А.

Эксперт:номзади илмҳои таърих Садбарги И.

Котиби илмии ҷаласа:
номзади илмҳои таърих Қурбонова М.

Сардори ШК ва КМ МДТ
«ДДБ ба номи Носири Хусрав» Исҳоқзода М.М.

«31» 08 соли 2026

**Суроғаи муассисаи пешбар:**
735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67,
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав
Тел. 2-54-81 www.btsu.tj
E-mail: bgu-1978.@mail.ru